«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Точикистон
______ н.и.т. Ниёзӣ С.Р.
"__6__" __02__ соли 2026

## ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Точикистон ба рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Аҳмадзода Зулфия Кабир 11 декабри соли 1972 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Мавсуф соли 1995 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Минбаъд, соли 2020 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо ихтисоси менеҷер-иқтисодчӣ хатм кардааст.

Фаъолияти кориашро Аҳмадзода Зулфия Кабир соли 2007 ба ҳайси оператор-коргузори факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон оғоз намуда, сипас солҳои 2010-2012 ҳамчун ассистенти кафедраи забонҳои Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (2012-2015), муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии ҳамин муассиса (2015-2017) фаъолият намудааст. Аз соли 2017 инҷониб дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ (2017-2020) ва ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеа (аз соли 2020 инҷониб) адои вазифа менамояд.

Мушовири илмӣ Файзализода Ҷумахон Хол – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аҳмадзода Зулфия Кабир бо фармоиши №180 аз 21.10.2016 ба ҳайси докторант (унвонҷӯи)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул гардида, соли 2020 онро ба анҷом расонидааст.

Дар Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30.09.2016, №8 мавзуи рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони "Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон " тасдиқ шудааст.

Шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфияро бо иштироки муқарризони холис Гулмадов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Шербоев С. доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Сайфуллоева З.–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Аҳмадзода Зулфия Кабир оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, муҳимият ва навгонии таҳқиқот, натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастовардаи худро иброз намуд.

Масъалаҳои тарбияи насли наврасу ҷавон ҳамеша муҳим буданд. Омӯзиши мероси таърихӣ, ғояҳои педагогӣ ва усулҳои таълиму тарбия зарур аст. Мутафаккирон нақши донишро дар такомули инсон муҳим мешумориданд ва тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстиро тавсия медоданд.

Мутафаккирони тоҷику форс таҳсилот ва рушди ҷисмониро муҳим медонистанд. Робита бо афкори педагогии донишмандони асрҳои X-XV хос аст. Абуалӣ ибни Сино ва дигарон ғояҳои пешқадами педагогии Шарқу Ғарбро инъикос намуданд. Бо зуҳури ислом ба мактаб таъсири дин афзоиш ёфт, аммо анъанаҳои таърихӣ маҳфуз монданд.

Ақидаҳои асрҳои гузашта дар тарбияи насли наврас аҳамият доранд ва олимон башардӯстиро асоси тарбияи ахлоқӣ медонистанд. Асарҳои онҳо манбаи донишҳо дар соҳаҳои гуногун буданд. Таҳқиқоти осори олимон барои рушди илмҳои ҷамъиятӣ хеле муҳим аст. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ илми муосирро ғанӣ гардонда, ғояҳои навро фароҳам меоранд. Ин арзишҳо маҳсули эҷоди халқ буда, ба шароити таърихӣ

мансубанд ва бо мурури замон арзишҳо тағйир ёфта, шаклҳои навро ба худ мегиранд ва аз насл ба насл мегузаранд.

Таҳқиқоти асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврас дар заминаи истифодаи ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад. Коркарди мавзуи илмӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Донишмандони тоҷик ва мутафаккирони бузурги асримиёнагии Шарқ, аз қабили Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ ва дигарон, шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудаанд. Дар асарҳои онҳо ғояҳои пешқадами замон шарҳу тафсир ёфтаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки эҳтиром ба мероси гузашта барои истиқлолият ва давлатдории нав муҳим аст. Муҳаққиқи эронӣ Забеҳулло Сафо вижагиҳои таъсири мутақобилаи фарҳангҳои Шарқу Ғарбро баррасӣ намуда, ба арзишҳои маънавӣ, анъана, урфу одат, маросим, фалсафа, санъат, дин ва ахлоқ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Анъана ва маросим мавриди таваҷҷуҳи пажуҳишгари англис Д.Фрезер низ қарор гирифта буданд.

Аз охири асри XIX дар Тоҷикистон таҳқиқоти фаъолонаи мероси таърихӣ оғоз гардид. Олимон И.И.Зарубин, А.А.Семёнов ва дигарон дар омӯзиши арзишҳо саҳми назаррас гузоштанд. Онҳо маводи пурғановатро дар бораи арзишҳои мардуми Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда, сабабҳои ташаккул, роҳҳои рушд ва зарурати корбурди онҳоро таҳлил карданд. Мардумшиносон саъй намуданд, ки арзишҳои миллиро тасниф намоянд.

Дар таҳқиқоти олимон анъанаҳо, урфу одатҳо ва маросим мавқеи вижа доранд. Олимон А. Паҳлавонова, А.Н. Тугаринов ва дигарон масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар ҷанбаҳои гуногун таҳқиқ намудаанд. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аллома Бобоҷон Ғафуров саъй намуданд, ки ба арзишҳо воқеъбинона баҳо диҳанд. Ҳангоми арзёбии арзишҳо ба муҳтаво ва аҳаммияти онҳо воқеъбинона муносибат кардан зарур аст. Ҳангоми ошкор намудани моҳияти ҷанбаи муайяни арзишҳо давраи таърихиро бояд ба назар гирифт.

Дар асарҳои мавҷуда пешниҳод ва методҳои мушаххас барои ташаккули арзишҳо дар насли наврасу ҷавон дар асоси ғояҳои педагогӣ вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ғояҳои педагогии дар арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷойдошта зарур аст.

Бояд таъкид созем, ки коркарди мавзуи илмӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Донишмандони тоҷик ва мутафаккирони бузурги асримиёнагии Шарқ, аз қабили Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ ва дигарон,

шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудаанд. Дар асарҳои онҳо ғояҳои пешқадами замон шарҳу тафсир ёфтаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки эҳтиром ба мероси гузашта барои истиқлолият ва давлатдории нав муҳим аст. Муҳаққиқи эронӣ Забеҳулло Сафо вижагиҳои таъсири мутақобилаи фарҳангҳои Шарқу Ғарбро баррасӣ намуда, ба арзишҳои маънавӣ, анъана, урфу одат, маросим, фалсафа, санъат, дин ва ахлоқ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Анъана ва маросим мавриди таваҷҷуҳи пажуҳишгари англис Д.Фрезер низ қарор гирифта буданд.

Бо назардошти ин, мо ба чунин хулоса омадем: ҳаматарафа таҳқиқ намудани ғояҳои педагогии дар арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷойдошта, бо такя ба ҳамон ҷанбаҳое, ки моҳияти тарбияи ахлоқии ҷавононро ошкор намуда, ба солимгардонии маънавии онҳо мусоидат мекунад. Дар ин ҳол, бояд методҳо ва равишҳои истифодаи мероси ниёгон дар шароити кунуниро пайдо намуд.

Мо таваҷҷуҳи худро ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо он шарҳу тавзеҳ медиҳем, ки донишмандони муосир ба ин мавзуъ шавқу рағбати зиёд зоҳир мекунанд, аммо то кунун бисёр масъалаҳои аҳаммияти педагогидоштаи арзишҳои мазкур ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Таҳқиқоти мазкур бояд холигоҳҳои дар ин замина вуҷуддоштаро такмил дода, онҳоро барои ҳамагон дастрас намояд.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ эҷоди усулҳои бунёдии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавони кишвар бар мабнои ғояҳои педагогии ниёгони халқи тоҷик буда, барои ноил шудан ба он мо вазифаҳои зеринро барои таҳқиқу баррасӣ муайян намудем:

- омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии мардуми Тоҷикистон;
- омӯзиш ва таҳлили раванди ташаккул ва рушди ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ, муайян намудани арзиши онҳо барои тарбияи насли наврасу ҷавони тоҷик;
- ошкор намудани арзишҳои ахлоқӣ ва этикии таълиму тарбия дар осори мутафаккирони тоҷику форс
- баррасӣ намудани аҳамияти ақидаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ;
- барои дар насли наврасу ҷавон ташаккул ёфтани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;
- пешниҳод намудани самтҳои асосии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар насли наврасу ҷавони мамлакат бо такя ба мероси

педагогии ниёгон, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили татбиқ мебошад.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№55, 71-и шаҳри Душанбе ва №№1, 17-и шаҳри Ҳисор гузаронида шуданд. Ба озмоиш 200 нафар донишҷӯён ва 380 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии зикршудуда: 294 нафар ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва 286 нафар ба гурӯҳҳои назоратӣ фаро гирифта шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ - нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ, вобаста ба рушди таърихӣ, дар ташаккулёбии ахлоқ ва маънавияти насли наврасу ҷавон, ҳамчун шарти асосии тарбияи шаҳрванди нави Тоҷикистони демократӣ ва мустақилу соҳибихтиёр баррасӣ шудааст;
- асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ироа гардида, низоми татбиқи амалии он дар такя ба мероси педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ муайян карда шудааст;
- консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта таҳия ва барои истифодаи амалӣ пешниҳод гардидааст.

Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:

1.Далелҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик таҳқиқ карда шуданд. Нақши арзишҳо дар таълиму тарбияи насли наврас дар шароити Тоҷикистони соҳибихтиёр ошкор карда шудааст.

2.Ҷанбаҳои гуногуни пайдоиши ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ ва муосир баррасӣ шуда, сарчашмаҳои илмӣ ва бадеӣ ҷамъоварӣ ва омӯхта шудаанд.

3.Арзишҳои ахлоқию этикии таълиму тарбия дар осори мутафаккирон ошкор ва аниқ карда шудаанд.

4.Таъсири фарҳанги динӣ ба таълиму тарбияи насли ҷавон исбот карда шудааст.

5.Таносуби диндорӣ ва фарҳанги ҷамъиятӣ, роҳҳои ҳамгироии дин ва фарҳанг таҳлил шудаанд.

6.Муносибати боэҳтиромона нисбат ба меҳнат ҳамчун арзиши ахлоқӣ ташаккул ёфтааст.

7.Андешаҳои Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш ва Абдурауфи Фитрат мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба раванди рушди фарҳанги оила дар ҷомеаи тоҷикон нисбат дода шудаанд.

8.Тафовути ақидаҳои мутафаккирон дар бораи никоҳ, оила ва тарбия равшан ва тавсиф гардидааст.

9.Қайд карда шудааст, ки дар баъзе нахустсарчашмаҳо арзишҳои оилавӣ бо арзишҳои динӣ иваз карда шуданд, аммо арзишҳои оилавӣ, фарҳанги хонавода ва таълиму тарбия тайи чандин асрҳо дар заминаи ғановати мутақобилаи меъёрҳо ташаккул мeёбанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муҳтавои раванди ташаккул ва рушди ғояҳои педагогӣ, вижагӣ ва робитаи мутақобилаи онҳо бо донишҳои фалсафии Юнони Қадим, ки дар афкори педагогии мардуми Шарқ тағири шакл намуданад, таҳқиқ гардидааст;

- дараҷа ва ҷанбаи таъсири таълимоти педагогии мутафаккирони бузурги ҷаҳон ба ғояҳои тарбия дар Шарқи асрҳои X-XV муайян карда шудааст;

- таҳаввулоти ғояҳои педагогии рушди инсони хушахлоқ аз асрҳои миёна то замони ҳозира омӯхта шуд;

- хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи мазкур дарҷгардидаро метавон барои идомаи минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи рушди педагогикаи Тоҷикистон, инчунин таълифи васоити таълимӣ оид ба таърихи педагогика ва фанҳои муҷовир истифода намуд.

а) натиҷагириҳои дар раванди ҷустори посух ба фарзияи пешниҳодшуда ва тавсияҳои минбаъдаро метавон ҷиҳати ташкили фаъолияти амалии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мавриди истифода қарор дод;

- маводи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоваришуда барои истифода дар муассисаҳои таълимии самтҳои гуногун барои тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон, муносибати боэҳтиромона ба гузаштаи халқи худ, ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тавсия мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мантиқи он мувофиқ буда, аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима масъалаҳои интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, мубрамии он асоснок шудааст; объект, мавзуъ, ҳадаф, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти баргузоршуда, методҳои истифодагардида, чаҳорчӯбаҳои таърихию замонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавсиф гардидааст.

Дар боби 1 - “Асосҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик” - тавсифоти умумии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ахлоқӣ; асосҳои пайдоиш ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ; мафҳуми анъанаҳо ва урфу одатҳо ҳамчун арзишҳои ахлоқӣ ва аҳаммияти онҳо дар тарбияи ҷавонони донишҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мо нахуст тавсифоти умумии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ахлоқӣ”-ро баррасӣ намуда, дар зербоби 2 асосҳои пайдоиш ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихиро таҳқиқ кардем, ҳамчунин, дар ин боби диссертатсия таҳқиқи масъалаи “Мафҳуми анъана ва урфу одатҳо ҳамчун арзишҳои миллии ахлоқӣ ва аҳаммияти онҳо дар тарбияи насли наврасу ҷавон”-ро анҷом додаем.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки “Пайдоиш ва рушди ғояҳои педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар рушди педагогикаи муосири тоҷик” ном дорад, масъалаҳои пайдоиш ва рушди ғояҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони муосир, арзишҳои ахлоқию этикии таълиму тарбия дар шарҳу тафсири мутафаккирони тоҷик, ақидаҳои мутафаккирони тоҷик оид ба ташаккули шахсият дар раванди таҳсил баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин боби диссертатсия, инчунин, масоили арзишҳои ахлоқию этникии таълиму тарбия аз дидгоҳи мутафаккирони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки “Арзишҳои ахлоқию маънавии таълим ва тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик” ном дорад, мо масъалаҳои зеринро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаем: таҳқиқоти асосҳои тарбияи динӣ ва ҷаҳонбинӣ ҳамчун таҳкурсии таълиму тарбияи муосир; таҳқиқоти қобилият ба кор ҳамчун асоси тарбияи маънавии инсон ва шаҳрванди кунунӣ; тарбияи арзишҳои оилавӣ- ҳамчун асоси рушди босуботи ҷомеаи муосир.

Дар боби чоруми диссертатсия тахти унвони “Таъсири арзишҳои оилавӣ ва равандҳои ҷомеа ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон” мо муқаррар намудаем, ки фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо анъанаҳо, урфу одатҳо ва маросими халқии худ дар умқи таърих реша дорад. Афкори этикӣ дар раванди рушди таҳаввулотӣ, ҳама равандҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистонро, ки дар тули чандин садсолаҳо рух дода буд, ба худ ҷазб намудааст. Тағйирот инчунин ба ниҳоди оила, ки барои мардуми Тоҷикистон хеле муҳим аст, низ нуфуз кардааст. Дар боби мазкур, ҳамчунин, равандҳои демократикунонии ҷомеа ва таъсири онҳо ба

ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон тавсифу баррасӣ шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия "Ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон бо истифода аз ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити муосир" ном дошта, дар он масъалаҳои ҳамгироии асосҳо ва қоидаҳои педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқи ҷавонони донишҷӯ; арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии Қуръони маҷид ва аҳаммияти тарбиявии он барои насли наврасу ҷавонони муосир; зеҳнияти миллӣ ва ҳамгироии он дар арзишҳои ахлоқии умумибашарии ҷавонони донишҷӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ниҳоят, дар диссертатсия таъкид шудааст, ки барои ба ҳам наздик кардани инсонҳои сокини кишварҳои гуногун ва гӯшаву канори сайёра аз мероси маънавии ниёгон, ки азхудкунии онҳо ба таҳаммулпазирӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ мусоидат мекунад, бояд истифода намуд. Фарҳанги ҳар як халқ дар алоҳидагӣ беназир аст, аммо ҷузъҳои таркибии он бо фарҳанги халқҳои дигар омезиш ёфта, ба бахши мероси маънавии онҳо табдил меёбанд, ки ин таҳаввули ҷомеаро имконпазир месозад. Масъалан, ақидаҳои Арасту дар байни мутафаккирони Шарқи асримиёнагӣ дастгирӣ ёфта, баъдан дар тамоми ҷаҳон густариш намуданд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳо ба тариқи зайл фароҳам оварда шудаанд:

1. Дар боби якум таҳқиқоти диссертатсионӣ мо ҷойгоҳеро таҳлил намудем, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраи мушаххаси таърихӣ дар зиндагии ҳар як инсон ва ҷомеа ишғол мекунанд, инчунин нақши онҳоро дар ташаккули ахлоқи шаҳрванд ва тарбияи насли наврас муайян намудем.

2. Таҳқиқоти дар боби дуюм анҷомдодаи мо имкон медиҳад ба чунин хулоса омад, ки низоми миллии тарбияи асрҳои миёна як ҷузъи низоми умумии тарбия гардида, имрӯз амалӣ мегардад.

3. Хулосаҳои олимони дар таҳқиқоти мазкур овардашуда моро ба натиҷае водор месозад, ки такя намудан ба аҳаммияти аввалиндараҷаи ташаккули ақидаи мусбат нисбат ба арзиши ахлоқии меҳнат дар ҷараёни раванди таҳсилотӣ зарур аст. Дар ин масир бояд марҳилаҳои зеринро тай намуд:

- огаҳии ибтидоӣ, равишҳои умумӣ нисбат ба идроки маълумот оид ба ҷанбаҳои ахлоқию этикии фаъолияти меҳнатӣ. Ин арзишёбии устувор ё муносибати муайянро пешбинӣ намекунад;

- таассуроти шахсӣ ҳамчун вокуниш ба иттилоот оид ба арзиши ахлоқии меҳнат, ки бо самтгирии худии ҳаётӣ, пешбинӣ дар бораи имконияти рушди минбаъдаро ба он мансуб донистан;

- муносибати шахсӣ, аз лиҳози инфиродӣ аҳаммиятдоштаи ташаккулёфта нисбат ба мафҳуми арзиши ахлоқии меҳнат.

4. Таназзули ҷомеа ба сабаби ҳаллу фасл нашудани проблемаҳои оила оғоз мегардад. Аз ин рӯ, равандҳои дар оила ҷараёндошта метавонанд ба ҳолати давлат дар маҷмуъ таъсиррасон бошанд. Дар мисоли оила метавон дар бораи дараҷаи ахлоқ ва фарҳанги маънавии кишвар қазоват намуд. Оё вақти он нарасидааст, ки дар арзишҳои ҷузъи таркибии ҳаёти инсон мавриди бознигарӣ қарор дода шаванд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таваҷҷуҳи қобили мулоҳиза ба тавсифномаи педагогикаи этникӣ ҳамчун муҳимтарин самти ташаккули зеҳнияти ҷавонони муҳассили муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Мо саъй намудем, ки тавоноии тарбиявии мондагори арзишҳои диниро ошкор намоем. Қисми асосии боби мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи зеҳнияти миллӣ аз дидгоҳҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ, ки истилоҳи мазкурро вобаста ба афзалиятҳои соҳаи мушаххаси дониш ба тарзҳои мухталиф шарҳу тафсир медиҳанд, бахшида шудааст.

6. Имрӯз ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бознигарии арзишҳои умумибашарӣ ниёзмандии ҷиддӣ дорад. Нақш, аҳамият ва роҳҳои такмили онҳоро муайян кардан зарур аст.

Дар идома муқарризони холис Гулмадов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Шербоев С.- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Сайфуллоева З.– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир андеша ва пешниҳоду эроди худро иброз доштанд. Аз ҷониби муқарризон қайд гардид, ки мавсуф масъалаи таҳқиқотро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст.

Мавзуъ ва мазмуни рисолаи илмии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи “Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгонӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 1* – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот;

равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фаннии педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар таҳқиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим; асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ); *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот); *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахс) мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки рисолаи илмии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» кори илмии мустақилона ба анҷомрасида буда, дар он муҳаққиқ ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда муваффақ шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардидааст. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

**а) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти ҶТ батабърасида:**

[1-М]. Аҳмадзода, З.К. Мусоҷонзода Ҷ.М. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ [Матн] /Аҳмадзода З.К. //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С.Айнӣ,-Душанбе, 2023.-№1-2(9-10) –С.103-108.

[2-М]. Аҳмадзода, З.К. Тарбияи арзишҳои оилавӣ – ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир [Матн ] /Аҳмадзода З.К.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-Душанбе, 2024.-№6.-С.256-260.

[3-М]. Аҳмадзода, З.К. Масоили ҳифзи арзишҳои миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ] /Аҳмадзода З.К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-Душанбе, 2024,- №:9.-С.318-323.

[4-М]. Аҳмадзода, З.К. Нақш ва ҷойгоҳи олимони тоҷику форс дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳанги миллӣ [Матн] /Аҳмадзода, З.К. //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, - 2025.-№1/3(137).-С. 296-300.

[5-М]. Аҳмадзода, З.К. Об описании общепедагогических и дидактических идей футуввата (рыцарства) в средневековых трактатах[Текст] /Ахмадзода, З.К. \\ Вестник Курган-Тюбинского государственного университета им. Н.Хусрава: 2009. -№4, С.14-18.

[6-М]. Аҳмадзода, З.К. Идеи воспитания в стихах Аттара(xIIв.) [Текст]/ Ахмадзода, З.К \\Вестник Таджикского национального университета – Душанбе:-2010-№4(60). - С. 313-315.

[7-М].Аҳмадзода, З.К. Осебенности выражения педагогических и дидактических идей футуввата (рыцарства) в средневековых трактатах[Текст]/ Ахмадзода, З.К //Вестник Таджикского национального университета-Душанбе:-2010.-№7(63). С.261-263.

[8-М]. Аҳмадзода, З.К. Отличительные особенности и сходство идеалов рыцарского воспитания западной Европы, футуввата и суфизма[Текст] Ахмадзода, З.К \\ Вестник Таджикского государственного педагогического университета им.С. Айни-Душанбе:-2011.-№3(39).С.327-329.

[9-М]. Аҳмадзода, З.К. Тарзу усулҳои ташаккул додани малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе-2016.№2(6).-С.-221-224.

[10-М]. Аҳмадзода, З.К. Роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон2014.-№1. С.76-82.

[11-М]. Аҳмадзода, З.К. Масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти классикони адабиёти тоҷик. [Матн] / Аҳмадзода З.К. \\ Маҷаллаи илмӣ-сиёсии ДИДНПҶТ.-Душанбе,2018.- №3(39).-С.-71-76 .

[12-М].Аҳмадзода,З.К. Гуманизм- важнейшая черта личности[Текст]/Аҳмадзода З.К.// Государственное управление. Научно-политический журнал ИГУППРТ-№1(41), 2019. - Душанбе,2019.-С.-73-78.

[13-М]. Аҳмадзода, З.К. Назаре ба таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон \\ [Матн] / Аҳмадзода, З.К. // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмӣ-сиёсии АИДНПҶТ. - Душанбе-2020.- №3(43).-С.-5-61.

[14-М]. Аҳмадзода, З.К. Развитие сферы образования в Таджкистане в годы Независимости.)[Текст] /Аҳмадзода З.К. // Государственное

управление. Научно-политический журнал АГУППРТ. -Душанбе, 2020.-№2(46).-С.-97-100.

[15-М]. Аҳмадзода, З.К. Мусоҷонзода Ҷ.М. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе 2023, №1-2(9-10).- С.103-108.

[16-М]. Аҳмадзода, З.К. Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ [Матн] /Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. №4. С.276-280.

[17-М]. Аҳмадзода, З.К. Мактаби сиёсии Пешвои миллат-Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳизби мардумӣ ва нерӯи пешбарандаи ҷомеа[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1, 2021. – С. 17-24.

[18-М]. Аҳмадзода, З.К. Аҳамияти тадбиқи ақидаҳои педагонии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосир[Матн] Аҳмадзода, З.К.\\Паёми Донишгоҳи Хоруг. - Душанбе 2025, №2(02), С.49-55.

[19-М]. Аҳмадзода, З.К. Зеҳнияти миллӣ ва ҳамгироии он ба арзишҳои ахлоқии умумибашарии ҷавонони донишҷӯ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2025, №4(58). – С. 29-36.

[20-М]. Аҳмадзода, З.К. Ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавонон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2025, №4(58).- С. 100-107.

[21-М]. Аҳмадзода, З.К. Аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони кунунӣ дар низоми таҳсилоти муосир // Номаи донишгоҳи Хуҷанд, 2025, №4(85). – С. 132-141.

[22-М]. Аҳмадзода, З.К. Ташаккули маънавиёти насли наврасу ҷавон кишвар бо истифода аз осори педагогии ниѐгон // Номаи донишгоҳи Хуҷанд, 2025, №4(85). – С. 64-70.

**б) Монографияҳои илмӣ ва воситаву дастурҳои чопшуда:**

[23-М]. Аҳмадзода, З.К. Идеи рыцарского воспитания в истории педагогической мысли таджиков: Монография [Текст]\\Матбааи ҶДММ "Илм".-Душанбе.-2014.

[24-М]. Аҳмадзода, З.К. Забони тоҷикӣ(дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ [Матн]\\Матбааи ҶДММ "Илм", Душанбе-2015.

[25-М]. Аҳмадзода, З.К. Барномаи дарсҳои тарбиявӣ барои донишҷӯёни курсҳои I-IV[Матн] \\ ҶДММ "Контраст", Душанбе-2017

[26-М]. Аҳмадзода, З.К. Ҳомидова Қ. Тарбияи фазилати инсонӣ (Дастур барои дарсҳои тарбиявӣ) [Матн] : Душанбе-2017, ББК Я73.74+74.200.53(2 тоҷик,)Ҳ-78

[27-М]. Аҳмадзода З.К. Мақоми зан дар ҷомеа ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз бегонапарастӣ ва ифротгароӣ[Матн]\\Маҷмуаи мақолаҳо\\Мубориза бо идеологияи терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир. - Душанбе-2019.

[28-М]. Аҳмадзода З.К. Эмомалӣ Раҳмон ислоҳотгари бузурги ойинҳои миллӣ \\Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I.,боби 4, §4.4. Душанбе“Фасл-4”2021. – С. 392.

[29-М]. Аҳмадзода, З.К. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]\\Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд.Ҷилди II боби 5, §5.13. Душанбе-“Фасл-4”2021-392с.

[30-М]. Аҳмадзода, З.К. Эмомалӣ Раҳмон ислоҳотгари бузурги ойинҳои миллӣ\\Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд.Ҷилди III.,боби 3,Душанбе: “Фасл-4”, 2021.-506с.

[31-М]. Аҳмадзода, З.К. Арҷгузории Пешвои миллат ба фарҳангу забони модарӣ\\Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди V., боби 4, Душанбе,ҶДДМ “Фасл”, 2023.-480с.

[32-М]. Аҳмадзода, З.К. Тараннуми ғояҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ дар ашъори адибони форсу тоҷик (масъалаҳои худшиносӣ ва меҳанпарастӣ) [Матн] Дастур барои дарсҳои тарбиявӣ-Душанбе 2024, 116с.

[33-М]. Аҳмадзода, З.К. Ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашариии донишҷӯён дар заминаи афкори педагогии ниёгон: Монография [Матн] /Аҳмадзода З.К.-Душанбе “”, 2023. С.179.

[34-М]. Аҳмадзода, З.К. Арзишҳои ахлоқию маънавии таълим ва тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик: Монография [Матн]. - Душанбе-2024. – 201 с.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи “Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим аз 19 декабри соли 2025, протоколи №1 1 қабул карда шудааст, ки дар он аз узви шурои диссертатсионии 6DKOA-077-и назди

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон д.и.п. Давлатшоев И. ва д.и.п. Раҳимзода Х. иштирок намуданд. Дар ҷаласа 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

"Тарафдор" - 16 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Л.Иматзода

Котиби ҷаласа Г.Ҷонмаҳмамадова

05.02.2026

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адҳамов 11/2
Тел.: 2 27 62 46, 227 45 25
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои Л.Иматзода ва Г.Ҷонмаҳмадова дуруст аст.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Х.Ҳакимова